# ТАРТИБИ
# ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДНОКИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардидааст. Фаъолияти гурӯҳҳои мақсаднок дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

2. Таъсиси гурӯҳҳои мақсаднок бо мақсади таъмин намудани шаҳрвандоне, ки бе таҳсилоти касбӣ дар соҳаҳои гуногуни манотиқи ҷумҳурӣ аз ҷумла: омӯзгорӣ (муҳандисӣ-омӯзгорӣ), тиббӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, техникӣ ва дигар муассисаҳои хоҷагии қишлоқ фаъолият менамоянд ба роҳ монда мешавад.

3. Тартиби мазкур фаъолияти ин гурӯҳҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДНОК

Вазифаҳои асосии гурӯҳҳои мақсаднок иборат аст, аз:

4. Бартараф намудани норасогии кадрҳо ва қонеъ намудани талаботи муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ бо кадрҳои дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

5. Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва кадрҳои коргарӣ.

## 3. ТАЪСИС ВА БАРҲАМДИҲИИ ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДНОКИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

6. Гурӯҳҳои мақсаднок тибқи дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф, литсейҳои касбӣ техникии ҷумҳурӣ ва дигар корхонаву муассисаҳои ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо вазоратҳои соҳавӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ташкил карда мешаванд.

7. Таъсис ва барҳамдиҳии гурӯҳҳои мақсаднок тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазоратҳои тандурустӣ, энергетика ва саноат, кишоварзӣ, фарҳанг ва дигар корхонаҳо амалӣ карда мешавад.

8. Дар гурӯҳҳои мақсадноки муассисаҳои таълимӣ танҳо он шаҳрвандонро вобаста аз таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, беморхона,

муассисаҳои соҳаи фарҳанг, корхонаю ташкилотҳои Ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

9. Ташкили гурӯҳҳои мақсадноки шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин дар назди беморхона, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаи фарҳанг дар асоси қарордод иҷозат дода мешавад.

10. Номгӯи ихтисосҳо ва нақшаи қабули хонандагону донишҷӯён дар гурӯҳҳои мазкурро Вазорати маориф дар мувофиқа бо дигар вазорату корхонаҳо муайян мекунад.

11. Муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар назди муассис барои нигоҳ доштан ва самаранок истифода бурдани моликияти дар ӯҳда доштааш масъул аст.

## 4. РАВАНДИ ТАЪЛИМ

11. Намуди таҳсил дар гурӯҳҳои мақсаднок танҳо дар шакли ғоибона (ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ ва фарҳанг) аз рӯи ихтисосҳое, ки барои гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шӯъбаи рӯзона (иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) иҷозат дода шудааст, амалӣ гардонида мешавад.

11.1. Шакли таҳсил дар гурӯҳҳои мақсадноки тиббӣ ва фарҳанг рӯзона буда, аз рӯи ихтисосҳое, ки тибқи иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, амалӣ гардонида мешавад.

12. Ба таҳсили ғоибонаи гурӯҳҳои мақсаднок шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти миёнаи асосӣ, умумӣ ва ё касбӣ доранд, дар асоси Қоидаҳои қабули хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

13. Барқарор ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯёни гурӯҳҳои мақсаднок дар асоси «Низомнома дар бораи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад. Мӯҳлати бартараф намудани қарзҳои академӣ барои хонандагон ва донишҷӯён то саршавии сессияи имтиҳонии оянда муайян карда мешавад. Мӯҳлати бартараф намудани қарзҳои академиеро, ки бо сабабҳои узрнок, беморӣ, гузариш, барқароркунӣ, оилавӣ ба миён омадаанд, ҷонишини директор оид ба таълим дар мувофиқа бо директор муайян менамояд.

14. Таҳсили шаҳрвандон дар гурӯҳҳои мақсаднок ба тариқи ройгон ва ғайриройгон ба роҳ монда мешавад.

14.1. Маблағҳои таҳсили гурӯҳҳои мақсаднокро муассис дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

14.2. Маблағҳои таҳсил ба суратҳисоби муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии заминавӣ пардохт карда мешавад.

15. Фаъолияти гурӯҳҳои мақсадноки ғоибона мутобиқи Низомномаи шӯъбаи ғоибонаи наврасон ва калонсолони муассисаҳои таҳсилоти

ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи таҳсили ғоибонаи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ мегардад.

16. Мӯҳлати таҳсил дар гурӯҳҳои мақсадноки шӯъбаи ғоибона дар ду давр зимистон ва тобистон сурат гирифта, 40 рӯзи идома меёбад. Дар шӯъбаи рӯзона тибқи қонунҳои амалкунанда сурат мегирад.

17. Машғулиятҳои таълимӣ (ҷадвали дарсӣ) метавонанд ба намуди сиклӣ ва муқаррарӣ гузаронида шаванд.

18. Ҷадвали гузаронидани санҷишу аттестатсияи ҷорӣ барои хонандагон ва донишҷӯён дар асоси речаи раванди таълим, ки дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯи ихтисоси тадрисшаванда тасдиқ шудаанд, тартиб дода мешавад.

19. Қабули санҷишу аттестатсияи ҷорӣ баъд аз ба итмом расидани машғулиятҳои таълимӣ, яъне ҳар як нимсола аз тарафи омӯзгороне, ки аз он фан таълим медиҳанд, қабул карда мешаванд.

20. Гузаронидани аттестатсияи давлатии хатм танҳо дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии заминавӣ, ки гурӯҳи мазкурро ташкил кардааст, иҷозат дода мешавад.

20.1. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом)-ро муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии заминавӣ ба хатмкунандагон медиҳад.

21. Ҳуҷҷатҳои хонандагону донишҷӯён (парвандаҳои шахсӣ), дафтари қайди дарсҳо (журнали академӣ), варақаҳои санҷишиву имтиҳонӣ баъди ҳар нимсола ва дигар ҳуҷҷатҳо дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии заминавӣ нигоҳ дошта мешаванд.

21.1. Назорати раванди таълиму тарбия дар гурӯҳҳои мақсаднок бевосита ба ӯҳдаи яке аз муовини директор гузошта мешавад.

22. Барои ташкили раванди таълим, таъмин ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, омодагии ҷадвали дарсӣ ва иҷроиши он, назорати давомоти хонандагону донишҷӯён, назорат оид ба сифати дарсгузарии омӯзгорон, иштирок дар тайёр намудани маводҳо ва баррасии он дар шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ (олимон ё омӯзгорӣ), нигоҳдории ҳуҷҷатҳои гурӯҳи мақсадноки вобасташуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии заминавӣ масъул мебошад.